# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-059 назди Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АМИТ ба диссертатсияи Олимзода Қутбиддин Зайнуддин дар мавзӯи: “Омӯзиши омилҳои асосии ташаккул ва истифодабарии оқилонаи захираҳои оби дарёи Зарафшон (Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи унвони илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.37. Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия) (техникӣ)

**Мутобиқати мавзуъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисос ва соҳаи илми 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.37. Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия) (техникӣ)**

Алоқамандии мавзӯи диссертатсия бо вазифаҳои афзалиятноки пешрафти илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад. Он ба омӯзиши равандҳои ташаккулёбӣ, идоракунӣ, истифодабарӣ ва ҳифзи захираҳои обӣ дар шароити таъсири тағйирёбии иқлим равона шуда, ба омӯзиши омилҳои асосии ташаккул ва истифодаи оқилонаи захираҳои оби дарёи Зарафшон, аниқ кардан ва арзёбии вазъи кунунии миқдори захираҳои оби рӯизамии ин ҳавза бахшида шудааст ва он барои хоҷагии оби ҳавза мансуб меёбад.

Дар Тоҷикистон воҳидҳои асосии банақшагирии идоракунии захираҳои об объектҳои обӣ ва қитъаҳои хоҷагии об, инчунин муайян кардани шароитҳои гидрологӣ ва табиию хоҷагии онҳо ба шумор мераванд, аз ин рӯ, муқаррар намудани сарҳадҳо ва хусусиятҳои гидрологии онҳо низ вазифаи хеле мубрам мебошад.

Илова бар ин, барои арзёбӣ ва ташхиси ташаккулёбии ҷараёни дарёи Зарафшон ва таъсири тағйирёбии хусусиятҳои иқлимӣ усули эҳтимолият ва генетикӣ истифода шудаанд. Яке аз муаммоҳои асосии баланд бардоштани саҳеҳӣ ва боэтимодии арзёбии ташаккулёбии ҷараён, омода сохтани маълумоти бисёрсола мебошад, ки ба воситаи истифодаи онҳо пешгӯии ташаккулёбии ҷараён дар оянда бо истифода аз усулҳои эҳтимолият ва генетикӣ амалӣ мегардад. Барои омода сохтани мувозинати об бо назардошти ниёзи ҳамаи бахшҳои иқтисод, ҳаҷми зарурии об бо назардошти тараққиётиояндаи соҳаҳо бояд ба инобат гирифта шавад, ки ин омил дар шароити дарёи Зарафшон, ки хусусияти фаромарзӣ дорад, аҳамияти хеле муҳим дорад.

Айни замон дар Тоҷикистон ИҲЗО (идораи ҳамгироии захираҳои обӣ) васеъ амалӣ карда мешавад, ки яке аз механизмҳои асосии банақшагирии ҳавзавии идораи захираҳои обӣ мебошад. Воҳиди асосии амалигардонии он объекти обӣ ва минтақаҳои хоҷагии об, муайян намудани шароитҳои гидрологӣ, табиӣ ва хоҷагидорӣ мебошад.

Дар робита ба ин, мавзӯи кори рисолаи илмӣ, ки ба омӯзиши ҷуғрофияи ҳавзавӣ, муайян намудани сарҳадҳои объектҳои обӣ ва хусусиятҳои гидрологии онҳо барои омодасозии нақшаҳои ҳавзавии дарё бахшида шудааст, дар шароити имрӯза низ аҳамият ва афзалияти муҳим дорад.

Натиҷаҳои таҳлилҳо нишон доданд, ки Ҳавзаи дарёи Зарафшон аз 249 шохоби калонтарин иборат мебошад, ки муаллиф онро ба 8 минтақаи зерҳавзаҳо муттаҳид намудааст, чунончӣ: минтақаи Мастчоҳ (4693,60 км²), минтақаи зерҳавзаи Зарафшон (2412,01 км²), ки баъди якҷояшавии дарёи Фон ибтидо меёбад; минтақаи зерҳавзаҳои дарёи Яғноб (1638,37 км²), Искандарё (925,40 км²), дарёи Фон (613,35 км²), дарёи Киштуд (845,53 км²); дарёи Фароб (194,97 км²); дарёи Моғиён (1089,27 км²), ки дарёи Шингро дар бар мегирад.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки аз рӯйи маълумоти дидбонгоҳҳои гидрометрии Панҷакент дар мавзеъҳои Сангистон (баландии мутлақ 1521 м), Искандаркӯл (2204 м), Мадрушкат (2236 м), Оббурдон (2726 м) ва Деҳҳавз (2561 м) аз соли 1938 то соли 2020 баландшавии миқдори миёнаи боришоти солона мушоҳида мешавад. Ба ҳисоби миёна миқдори боришот ҳамасола дар қисми водӣ ба 0,51 – 2,78 мм, аммо дар болооби ҳавзаи дарё бошад, ба 0,93 – 1,78 мм зиёд мешавад. Ташхиси маълумоти миёнаи солонаи ҳарорати ҳаво дар давраи аз соли 1930 то соли 2020 дар панҷ дидбонгоҳи метеорологӣ нишон дод, ки дар 91 сол ҳарорати ҳавои тамоми минтақаи ҳавзавии Зарафшон ба ҳисоби миёна ба 0,25-1,4 °C баланд шудааст.

Дар кори диссертатсионӣ масъалаҳои ташаккул, тақсимот ва истифодаи захираҳои обӣ, хусусиятҳои гидрологӣ ва гидрохимиявии объектҳои обӣ, инчунин арзёбии таъмини самараноки истифодабарии захираҳои об мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор гирифтаанд. Маводи пешниҳодшуда дорои хусусияти илмӣ-амалӣ буда, ба самтҳои асосии таҳқиқоти соҳаи гидрологияи хушкӣ ва идоракунии захираҳои обӣ ҷавобгӯ мебошад.

Мавзуъ, муҳтаво ва натиҷаҳои асосии диссертатсия, инчунин автореферат, ба талаботи ихтисос ва соҳаи илми 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ, бахусус ба ихтисоси 2.1.37. Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ ва гидрохимия (илмҳои техникӣ) пурра мутобиқ мебошанд.

**Асолати матни диссертатсия 78,5% ва иқтибосоварӣ 10,81%-ро ташкил медиҳад**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.37. Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия) (техникӣ) ва ба самтҳои афзалиятноки илм дар ҷумҳурӣ**

Муҳтавои кори диссертатсионӣ ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.37.

Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия) (техникӣ) мутобиқат мекунад:

3. Намунаҳои ташаккули тавозун ва ҷараёни об, таҳшинҳо, моддаҳои кимиёвӣ, ҷараёни гармӣ ва тағйирёбии фазоӣ ва вақтии онҳо дар шароитҳои гуногуни табиию иқтисодӣ. Нақши гидрологии омилҳои табиӣ ва хоҷагидорӣ. Пайдоиши (генезиси) ташаккулдиҳандаи маҷро. Омӯзиши хусусияти физикӣ ва стохастикии (ногаҳонии) тағйирёбии ҳаҷми оби дарёҳо дар миқёсҳои гуногуни фазоӣ ва вақтӣ.

11. Усулҳои ҳисоб ва пешгӯӣ намудани хусусиятҳои тавозунӣ ва маҷрои об, зарраҳои муаллақ ва таҳшинҳои ҳаракаткунандаи ҷараёни зери маҷро, моддаҳои кимиёвӣ; арзёбии таъсири фаъолияти хоҷагидорӣ ва тағйирёбии иқлим ба маҷрои об ва равандҳои гидрологӣ, ба ҳолати экологии объектҳои обӣ.

Муҳтавои кори диссертатсионӣ ба Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар доираи ҳадафҳои татбиқи барномаҳои эълонкардаи СММ дар асоси ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз он ҷумла Даҳсолаи байналмилалии «Об барои ҳаёт», солҳои 2005-2015; соли 2013 - Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об, Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», солҳои 2018-2028 амалӣ гардидааст. Инчунин мавзуи диссертатсия барои ҳалли масъалаҳои “Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон то соли 2030” ва “Барномаи ислоҳоти соҳаи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2025” дар самти ҷорӣ кардани идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои об мусоидат мекунад ва корҳо мувофиқи ҳадафҳои татбиқи мавзуъҳои илмии (КИТ) Муассисаи давлатии “ТоҷикНИИГиМ”-и Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаи илмӣ дар мавзуи РКД №0122TJ1331 “Коркарди механизми самараноки таъмии молиявии истифодабарии захираҳои об дар самти иҷрои ҳадафҳои стратегии мамлакат” (муҳлати иҷро солҳои 2022-2026) иҷро шуда, тасдиқ гардидааст ва мутобиқат мекунад.

**Инъикоси мукаммали муҳтавои кори диссертатсионӣ дар таълифоти нашршудаи довталаб**

Муҳтавои асосӣ, натиҷаҳои илмӣ ва хулосаҳои диссертатсионӣ дар таълифоти илмии довталаб ба таври пурра ва муназзам инъикос ёфтаанд. Мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва эътирофнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашршуда масъалаҳои калидии таҳқиқотро дар бар мегиранд, аз ҷумла омӯзиши элементҳои мувозинаи оби ҳавза барои солҳои 1930 - 2020 дар контексти шароити тағйирёбии иқлим ва пешгӯиҳо то соли 2050, арзёбии бехатарии гидроэкологӣ ҳангоми истифодаи захираҳои оби шохобҳои асосии дарёи Зарафшон ва инчунин ҳамоҳангсозии реҷаи обгирӣ ва гидрологии зерҳавзаҳои норасоии обдошта дар шароити амалишавии сенарияҳои тағирёбии иқлим.

Дар мақолаҳои [1–М], [5–М] муносибати нав ба идоракунии захираҳои об ва тавозуни хоҷагии оби ҳавзаи дарёи Зарафшон баррасӣ шудаанд. Масъалаҳои ташаккул ва тағйирёбии таркиби химиявии обҳои зеризаминӣ ва рӯизаминӣ, инчунин имкониятҳои истифодаи маводи табиӣ ва коагулянтҳо барои беҳтар намудани сифати об баррасӣ шудаанд. Корҳои [2–М], [3–М] ва [4–М] ба сохторҳои зиддиселӣ дар баъзе минтақаҳои ҳавзаи дарёи Зарафшон ва чораҳои пешгирии георискҳо, методика ва методологияи таҳияи нақшаи ҳавзавии идоракунии захираҳои оби дарёи Зарафшон, хусусиятҳои хоси реҷаи гидрологии шохобҳои асосии дарёи Зарафшон ва дурнамои ҳамоҳангсозии таъсири он ба соҳаҳои иқтисодиёту кишоварзӣ, таҳқиқи усулҳои муосири тозакунии об, таҳлили нишондиҳандаҳои физикӣ, гидрохимиявӣ ва биохимиявии об, инчунин моделсозии равандҳои худтозашавӣ дар мисоли дарёи Варзоб бахшида шудаанд, ки мазмуни бевоситаи диссертатсияро инъикос менамоянд.

Маводи дар конференсияҳои илмӣ ба нашр расида ([6–М]–[7–М]–[8–М]) ҷанбаҳои алоҳидаи таҳқиқотро инъикос намуда, натиҷаҳои фосилавӣ ва хулосаҳои амалии корро муаррифӣ мекунанд. Аз он ҷумла масъалаҳои таъмини амнияти гидроэкологии ҳавзаи дарёи Зарафшон, ҳаҷми умумии захираҳои оби мавҷуда барои мақсадҳои ирригатсионӣ ва майдонҳои обёришаванда дар ҳавзаи дарёи Зарафшон, вазъи кунунӣ ва таҳлили захираҳои обу замини ҳавзаи дарёи Зарафшон.

Ҳамин тариқ, маҷмӯи интишороти довталаб фарогири ҳамаи бахшҳои асосии кори диссертатсионӣ буда, мутобиқати пурраи муҳтавои диссертатсияро бо натиҷаҳои илмии дар нашрияҳои чопшуда пешниҳодгардида тасдиқ менамояд.

**Иҷрои талабот нисбат ба нашри натиҷаҳои асосии диссертатсия**

Муҳтавои асосии диссертатсия дар 7 кори илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 3 мақола дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ нашр шудаанд.

Банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Замимаи 2 ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) аз ҷониби довталаб пурра иҷро гардидааст.

Натиҷаҳо дар заминаи маълумот аз таҳқиқоти васеи миқёси ченкуниҳо ва нишондиҳандаҳои гидрологӣ дар ҳавзаи дарёи Зарафшон ҷамъоварӣ, пешниҳод ва ҳамоҳанг карда шуданд. Дар баробари ин, таҳлили воқеӣ ва муосири оморӣ, инчунин коркарди натиҷаҳои таҳлил гузаронида шуд. Таҳлилҳо бо истифода аз модели инноватсионии SWAT гузаронида шуданд. Инчунин тағйирот ва асимметрия – арзишҳои ҳисобшудаи элементҳои мувозинаи оби ҳавза дар зери таъсири тағйирёбии иқлим низ аз ҷониби муаллиф омӯхта шудаанд.

**Масъалаи қабул кардан ё накардани диссертатсия ба шуро**

Кори диссертатсияи Олимзода Қутбиддин Зайнуддин дар мавзӯи: "Омӯзиши омилҳои асосии ташаккул ва истифодабарии оқилонаи захираҳои оби дарёи Зарафшон (Ҷумҳурии Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи унвони илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.37. Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия) (техникӣ) барои ҳимоя дар Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-059 назди Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АМИТ тавсия карда шавад.

**Пешниҳоди муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар**

Муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотияшон ба ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.37. Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия) (техникӣ) мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамоянд:

- **Қодиров Анвар Саидқулович** – доктори илмҳои техникӣ, директори Маркази рушди инноватсионии илм ва технологияҳои рақамии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;
- **Одинаев Қодирҷон Нодирович** – номзади илмҳои техникӣ, муаллими калони кафедраи «Метеорология ва климатология»-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Муассисаи пешбар – Муассисаи давлатии «Институти омӯзиши пиряххо ва криосфераи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон».

**Иҷозати эълони ҳимоя**

Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АМИТ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

**Нашр ва паҳн намудани автореферати диссертатсия**

Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис дар ҳаҷми 100 адад ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

Комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.KOA-059 назди Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АМИТ диссертатсияи Олимзода Қутбиддин Зайнуддин дар мавзӯи: "Омӯзиши омилҳои асосии ташаккул ва истифодабарии оқилонаи захираҳои оби дарёи Зарафшон (Ҷумҳурии Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи унвони илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.37. Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия) (техникӣ) баррасӣ намуда, дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Комиссияи экспертии Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-059 назди Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АМИТ

диссертатсияи Олимзода Қутбиддин Зайнуддин дар мавзӯи: “Омӯзиши омилҳои асосии ташаккул ва истифодабарии оқилонаи захираҳои оби дарёи Зарафшон (Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи унвони илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.37. Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия) (техникӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотияшон ба ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, meъморӣ (2.1.37. Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия) (техникӣ) мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Қодиров Анвар Саидқулович** – доктори илмҳои техникӣ, директори Маркази рушди инноватсионии илм ва технологияҳои рақамии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;
- **Одинаев Қодирҷон Нодирович** – номзади илмҳои техникӣ, муаллими калони кафедраи «Метеорология ва климатология»-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар – Муассисаи давлатии «Институти омӯзиши пиряххо ва криосфераи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон» тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АМИТ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои кишоварзӣ,
профессор Пулатов Я.Э.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои техникӣ,
профессор Азизов Р.О.

номзади илмҳои техникӣ Шаймурадов Ф.И.

«23» 06 соли 2026